ТАҚРИЗ

ба автореферати аспиранти Маркази инноватсионии биологӣ ва тиббии АМИТ Холиқова Омина Умархоновна дар мавзӯи "Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ пешниҳод шудааст.

Бемориҳои функсионалии ҷигар ҳамеша дар якҷоягӣ бемориҳои системаи биллиарӣ, талхадон, роҳҳои талхагузар амалӣ мешаванд, ки дар натиҷа коҳишёбии таровиш ва таркиби кимиёии талха вайроншавии фаъолияти ҷигар дида мешаванд ва аз ин лиҳоз табобати муваффақтарин омили асосиест барои беҳтар кардани равандҳои мубодилаи моддаҳо дар ҷигар, баланд бардоштани муқовимати он ба таъсироти патогенӣ, суръат бахшидан ба барқарорсозии функсияҳои он дар ҳолати осебҳои гуногун, ва барои бартараф намудани ихтилоли ғайрифаъолкунандаи талхадон ва роҳҳои талхагузар.

Бояд тазакур диҳем, ки бемориҳои талхадон ва роҳҳои талхагузар (холе-систит, бемории санги талхадон, холангит, тангшавии роҳҳои талхагузар) яке аз шаклҳои паҳншудаи бемориҳои узвҳои ҳозима баҳисоб мераванд ва сатҳи мубталошави ба онҳо дар 1000 нафари аҳоли аз 26.6 то 45.5%-ро ташкил медиҳад Ғайр аз ин 10-15% оризаҳои доруҳои сунъиро гепатитҳо ташкил медиҳанд.

Мусаламаст, ки маводи рустанигӣ нисбати доруҳои синтнтикӣ баъзе бартариҳо доранд. Аз ҷумла; мубодилаи доруҳои синтетикӣ аксаран дар ҷигар бо иштироки ситохроми Р-450 ҷараён мегирад, ки он метаболизми на танҳо доруҳои сунъи , балки метабозими доруҳои дигарӣ бо доруҳои сунъи фармудашударо вайрон намуда, ҳолати функсионалии ҷигарро мушкил намуда, сатҳи осебҳои онро вазнинтар менамояд. Дар баробари ин маводи рустанигие, ки аз аз лиҳози эволютсионӣ ба буняи инсон ниҳоят наздиканд ба ҷигар ва фаъолияти он таъсири манфӣ намерасонанд.

Бинобар ин кори диссертатсионии Холиқова Омина Умархоновна, ба омӯзиши хусусиятҳои фармакологии равғани атрии махмалаки майдагули дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон парваришёбанда, ки хусусиятҳои васеъи самараноки дорад, дорои аҳамияти муҳими илмю - амалӣ буда, барои табобати бемориҳои ҷигару роҳҳои талхагузар ҳамчун воситаи табобатии самаранок дониста мешавад.

Маълумотҳои дар автореферати диссертатсияи Холиқова О.У., оиди таҳқиқоти мукаммали фармакологию биохимиявӣ ва морфологии тагетол, ки таркибашро равғани атрии махмалаки майдагул (Tagetes patula L.), ташкил медиҳад ва дар миқдори зиёди ҳайвонҳои озмоишӣ анҷом дода шудааст, диссертант хусусиятҳои гепатопротекторӣ, талхаронӣ, гиполипидемӣ, зиддиилтиҳобии тагетолро бо истифодаи васеъи усулҳои замонавӣ, дар

шароити лабораторӣ анҷом дода, самтҳои истифодаи онро нисбати бемориҳои ҷигару системаи гепатобилиарӣ бо далелҳои асосноки илмӣ байён намудааст.

Хулоса: Кори диссертатсионии Холиқова О.У., дар мавзӯи “Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол”, (омӯзиши экспериментлалӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ ба талаботи қисми 3 банди 31, 33, 34 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ки ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 - Фармакология, фармакологияи клиникӣ ҷавобгӯ мебошад.

д.и.б., профессори
кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонот
ба номи академик Сафаров Ҳ.М. Устоев М.Б.

Имзои Устоев М.Б - ро тасдиқ менамоям
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Тавқиев Э.Ш.

03.02.25

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
E-mail: ustoev 1954 @ mail. ru
телефон: 981-01-31-71.